# Қатъан ваҷаб ба ваҷаб, газ ба газ, аз роҳу равиши касоне ки пеш аз шумо буданд пайравӣ хоҳед кард

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Қатъан ваҷаб ба ваҷаб, газ ба газ, аз роҳу равиши касоне ки пеш аз шумо буданд пайравӣ хоҳед кард, то ҷое, ки агар вориди хонаи сусмор шаванд, бешак дар пайи онҳо хоҳед рафт." Гуфтем: Эй Расули Аллоҳ! Оё манзури шумо яҳудиён ва насрониён ҳастанд? Фармуд: "Пас чи касе?"
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ҳолати гурӯҳе аз умматашон хабар доданд, ки баъд аз вафоташон дар эътиқодот, корҳо ва одоту суннатҳои яҳудиёну насрониён аз онон бо диққати бисёр -ваҷаб ба ваҷаб, газ ба газ- пайравӣ хоҳанд кард. То ҷое, ки агар вориди сурохии хонаи сусмор шаванд, аз пушти онҳо сарашонро ба он ворид хоҳанд кард.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3355

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee